DTM

# DAVLAT TEST MARKAZI

*Bilimingga ishon va muvaffaqiyatga erish!*

МАРКАЗИ ТЕСТИ ДАВЛАТИИ
МАҲКАМАИ ВАЗОРАТИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

**БАРОИ ИШТИРОККУНАНДАГОНИ ЗИНАИ IV ОЛИМПИАДАИ РЕСПУБЛИКАВӢ АЗ ФАНҲОИ УМУМИТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА УМУМӢ, ЛИЦЕЙҲОИ АКАДЕМИКӢ ВА КОЛЛЕҶҲОИ КАСБУ ҲУНАРӢ**

# КИТОБИ СУПОРИШОТИ ТЕСТҲО

АЗ ФАННИ

# ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

*Ном ва насаби иштироккунанда* *Имзо*

варианти-1

© Davlat test markazi, 2022

Маҷмӯаи тестҳо аз 30 (1-30) супориш иборат аст.
Ба маҷмӯаи тестҳо супоришҳо бо навъи пӯшида ва кушода дароварда шудааст. Балл барои ҷавоби дуруст дар ҳар супориши тест инъикос гардидааст.
Дар иҷрои супоришҳои тести пушида ҳатман аз 4 ҷавоби вариант танҳо яктоашро интихоб карда ба вараҷи ҷавобҳо нависед (A, B, C ё D).
Дар иҷрои супоришҳои тести кушода, бояд ҷавобро дар вараҷи ҷавоб ба раҷами мувофиҷи супориши тест пурра нависед.
Барои супоришҳои тестии пушидаи мувофиҷатро талабкунанда дар маҷмӯъ шашто (A-F) вариантҳои ҷавоб дода шудааст. Аз он ба се супориш (саволҳои тестии 28, 29, 30) аз дохили ҷавобҳо яктогӣ ҷавоби мувофиҷро интихоб намуда, ба вараҷаи ҷавобҳо ишора карда мешавад.

**1.**

[0,9 ball]

Дар кадом ҷавоб ҳарфҳои ётбарсар дода шудааст?

A) *я, ю, ё, е* B) *я, ю, э, й* C) *ю, ё, е, а* D) *я, ю, е, э*

**2.**

[2,4 ball]

*“Барои нола ва шеван кардан баҳонае даркор буд”.*

Калимаҳои ҳаммаънои ҷумла дар кадом ҷавоб дода шудааст?

A) *нола, баҳона* B) *нола, даркор* C) *нола, шеван* D) *шеван, баҳона*

**3.**

[0,9 ball]

*“Ин дафъа рангаш сафедча шуда бошад ҳам, таъмаш монанди мазаи хамири хом буд”.*

Сифати соддаи ҷумларо муайян намоед.

A) *рангаш* B) *хом* C) *сафедча* D) *маза*

**4.**

[2,4 ball]

Феъли кадом ҷумла тарзи мафъулӣ мебошад?

A) *Вай дар зери ниҳолҳо об рехт.*

B) *Ман чизи фармудаи шуморо муҳайё кардам.*

C) *Акбар дар суфачаи дарвозахона нишаст.*

D) *Корҳои имрӯза бо тариҷи ҳашар иҷро карда мешавад.*

**5.**

[1,7 ball]

Дар кадом ҷавоб ибораҳои ҷонишинӣ дода шудааст?

A) *китоби ман, дӯсти вай*

B) *мани нодон, кадоми шумо*

C) *бисёр устодона, дигаре аз онҳо*

D) *дуи дигар, мактаби дуҷабата*

**6.**

[0,9 ball]

Аз ҷумлаҳои зерин ҷумлаи дар таркибаш мубтадои тафсилӣ доштаро муайян кунед.

A) *Офтоб хеле баланд шуда, ба замину замон гармӣ мебахшид.*

B) *Аз корҳои бофандагӣ ман ҳанӯз бинобар хурд буданам, ба ҳеҷ чиз ҷудратам намерасид.*

C) *Падару бобои Ҷомӣ урфу одатҳои ҷадимаро бо каломи эҳтиром пос медоштанд.*

D) *Аз байни бачаҳо фаҷат як Шодӣ ба вай баробар шуда метавонисту бас.*

**7.**

[0,9 ball]

Хуршедшоҳ, Фаррухрӯз, Шағоли Пилзӯр, Фағфур ҷаҳрамонони кадом асар мебошанд?

A) *“Шоҳнома”* B) *“Самаки айёр”* C) *“Чор дарвеш”* D) *“Абӯмуслимнома”*

**8.**

[0,9 ball]

*“Оби Нил миёни ҷанубу мағриб меояд ва ба Миср мегузарад ва ба дарёи Рум меравад. Ва оби Нил чун зиёдат мешавад ду бор, чандон мешавад, ки Ҷайҳун ба Термиз”.*

Порча аз кадом асар гирифта шудааст?

A) *“Ришнома”* B) *“Зод-ул-мусофирин”* C) *“Саодатнома”* D) *“Сафарнома”*

**9.**

[2,4 ball]

Қаҳрамони асосии кадоме аз ин достонҳо Қайс ва Лайлӣ мебошад?

A) *“Саламон ва Абсол”-и Ҷомӣ*

B) *“Лайлӣ ва Маҷнун”-и Ҳилолӣ*

C) *“Сифот-ул-ошиқин”-и Ҳилолӣ*

D) *“Саъбаи сайёр”-и Навоӣ*

**10.**

[0,9 ball]

Кадоме аз ин шоираҳо аз ҳавзаи адабии Ӯзбекистон аст?

A) *Гулчеҳра Сулаймонова*
B) *Гулрухсор Сафиева*
C) *Маҳбуба Неъматзода* D) *Фарзона*

**11.**

[2,4 ball]

Кадоме аз ин шеърҳои Рӯдакӣ дар васфи Ватан ва ватандӯстӣ навишта шудааст?

A) *Шикоят аз пирӣ*

B) *Бӯи ҷӯи Мӯлиён*

C) *Баҳори хуррам*

D) *Модари май*

**12.**

[2,4 ball]

Кадом асар аз баҳси ҳаждаҳ ҳайвон иборат аст ва бо худтаърифкунии муш оғоз меёбад?

A) *“Шаҳрошӯб”* B) *“Баҳориёт”*
C) *“Баҳористон”* D) *“Мушу Гурба”*

**13.**

[0,9 ball]

Тошхоҷаи Асирӣ маснавии “Тимсол”-ро дар пайравии кадом асар навишт?

A) *“Миръоти ибрат”*

B) *“Наводир-ул-вақоеъ”*

C) *“Мунозира”*

D) *“Баёноти сайёҳи ҳиндӣ”*

**14.**

[0,9 ball]

Фирӯза қаҳрамони асосии кадом романи Ҷалол Икромӣ мебошад?

A) *“Тахти вожгун”*

B) *“Тирмор”*

C) *“Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”*

D) *“Духтари оташ”*

**15.**

[0,9 ball]

Кадом шоира бо тахаллусҳои Комила ва Макнуна шеър гуфтааст?

A) *Зулфия* B) *Ҳалима* C) *Нодира*
D) *Зебуннисо*

**16.**

[2,4 ball]

*Ҷавонмард аз карам муфлис нагардад,*
*Сахиро аз ато чин нест дар чеҳр.*
*Ба пошидан чӣ нуқс ояд ба дарё,*
*Ба афшондан чӣ кам гардад зари меҳр?*

Навоӣ кадом хислатҳоро ситоиш кардааст?

A) *мардию саховатмандӣ*
B) *ростию росткорӣ* C) *садоқат ва вафо*
D) *дӯстиву рафоқат*

**17.**

[1,7 ball]

Ғояи кадом повести Чингиз Айтматов аз одаму адамгарӣ иборат аст?

A) *“Ҷамила”*

B) *“Зеркунда”*

C) *“Роҳи каҳкашон”*

D) *“Сарвқади рӯймолсурхаки ман”*

**18.**

[1,7 ball]

Пасвандҳои **-ум (-юм)** бо шумораҳои тартибии бо рақам ифодаёфта, чӣ гуна навишта мешавад?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**19.**

[2,4 ball]

*“Барои сафар баъзе чизҳо, масалан ҳамроҳи мувофиқ, китоби хуб, қутбнамо зарур аст”.*

Дар ин ҷумла баъд аз калимаи масалан кадом аломати китобат гузошта мешавад?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**20.**

[1,7 ball]

*Шаб дар канори дарё гоҳо боло гоҳо калапо омада, барои ёфтани гузар кӯшиш мекардем.*

Калимаи шевагии ҷумларо нависед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**21.**

[2,4 ball]

*“Истиора яке аз унсурҳои асосии санъати тасвири бадеӣ ва як намуди маҷоз аст. Дар асл истиора аз инкишофи ташбеҳ ҳосил мегардад. Истиора сифатҳои чиз ё ҳодисаеро дар асоси робитаҳои шабеҳии он хеле хуб ифода мекунад”.*

Услуби матнро муайян кунед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**22.**

[1,7 ball]

*“Ё сухан动ниста гӯй, эй марди оқил, ё хомӯш”.*

Дар ҷумла кадом намуди пайвандаки пайвасткунанда иштирок кардааст?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**23.**

[0,9 ball]

*Аммо Аслонхоҷа дар аввали кор ба бародараш ҳеҷ роҳи чораву тадбирро нишон надодааст.*

Намуди ҷонишини ҷумларо нависед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**24.**

[1,7 ball]

*Ба чашми хирад дид бояд ҷаҳон,*
*Ки чашми сари ту набинад ниҳон.*

Намуди ҷумлаи соддаи яктаркибаро нависед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**25.**

[2,4 ball]

Ҷумлаи зерин ба кадом намуди ҷумлаи пайрав мансуб аст?

*“Фавран аз аспи худ фаромада, ба тарафи ӯ давид, то ки бо дӯсти деринаи худ мулоқоти гарму ҷӯшон кунад”.*

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**26.**

[2,4 ball]

*То дар тани туст устухону рагу пай,*
*Аз хонаи тақдир манеҳ берун пай:*
*Гардан манеҳ, ар хасм бувад Рустами Зол,*
*Миннат макаш, ар дӯст бувад Ҳотами Тай.*

Жанри шеърро муайян намоед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**27.**

[1,7 ball]

*“Тамошобинон давродаври майдончаро иҳота карданд”.*

Исмҳои мураккаби навъи пайвасти ҷумларо ёбед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**28-30.**

Аз маълумотҳои ҷадвал истифода бурда, ба супоришҳои тестии 28-30 аз дохили ҷавобҳо (A-F) ҷавоби мувофиқро интихоб намоед (ба ҳар як супориш якто ҷавоби мувофиқ рост меояд).

| Супоришҳо | Маълумотҳо |
|---|---|
| **28.** [1,7 ball]<br>Дар кадом ҷумла ба хатои имлоӣ роҳ дода шудааст?<br>**29.** [1,7 ball]<br>Дар кадом ҷумла бандак нодуруст истифода шудааст?<br>**30.** [1,7 ball]<br>Дар кадом ҷумла калимаҳо нодуруст кор фармуда шудааст? | A) Малики Сосон сахт маҳзун шуд ва модари Қунумаконро қарор бирафт ва шикебоияш намонд.<br>B) Қабри ӯ дар паҳлӯи обидаи пурҳашамати Шоҳи зинда, дар доманаи теппа воқеъ аст.<br>C) Дутор аз машқи Тоҳири Танбӯрӣ нолида, дили бунёдгузорашро тасхир мекард.<br>D) Пас аз чанд машқи дигар чеҳраи ҷиддии Тоҳири Танбӯрӣ кушода шудам.<br>E) Ӯ аз Муҳаммадалӣ хоҳиш кард, ки дар ҳузури худи ӯ дутори дигаре офарад, то чашму ақлаш ҳақиқати ҳолро қабул кунад.<br>F) Муҳаммадалӣ ба таҷрибаи андӯхтааш такя оварда, дар як муддати кӯтоҳ дутори дуюмро ба ҷон баровард. |